**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих, муаллими калон Маҳмудзода Суханвари Анвар ба диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ).**

Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ ба яке аз мавзуъҳои муҳимми таърихи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, дорои аҳаммияти баландии илмӣ ва назариявӣ мебошад. Муҳиммияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи вазъи охири солҳои ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон, раванди ба даст овардани Истиқлолият, вазъи ноороми солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, аз кор мондани корхонаву сохторҳои давлатӣ, инчунин татбиқи ислоҳотҳои стратегии натиҷабахш ва табдил ёфтани Тоҷикистон ба давлати рӯ ба рушд, то имрӯз ба таври ҷудогона мавриди омӯзиши амиқи илмӣ қарор нагирифта буд. Таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки муҳаққиқ барои омӯзиши дақиқи масъалаҳои пешгузоштаи худ талоши ҷиддӣ ба харҷ дода, сарчашмаҳои таърихӣ аз ҷумла маводи бойгонӣ, мулоҳизаҳо ва мубоҳисаҳои шахсиятҳои калидии давр, инчунин адабиёти зарурии илмиро бо назари таҳлилӣ мавриди баррасӣ ва пажӯҳиши илмӣ қарор додааст. .

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия** ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва

унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти мавзуъ қабл аз ҳама дар он ифода мeёбад, ки то имрӯз дар доираҳои илмии мамлакат ба таври амиқ омӯхта нашудааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи Иттиҳоди Шӯравӣ ба раванди бозсозӣ ворид шуд, ки ин раванд мушкилоти мубрами миллӣ ва иҷтимоиро ошкор намуда, ба фаъол шудани ҳаракатҳои сиёсӣ замина гузошт. Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ ба бӯҳрони шадид гирифтор гардида, мухолифатҳои сиёсиро тезутунд карда, вазъи дохилӣро боз ҳам мураккаб намуданд.

Истиқлолият имкониятҳои тоза барои эҳёи ҳувияти миллӣ ва ташаккули сохтори давлатдориро фароҳам овард, аммо воқеаҳои солҳои 90-ум ин равандҳоро ба таъхир андохта ба рушди ҷомеа барои солҳои зиёд ба монеа эҷод менамуд.

Пажӯҳиши илмии ин давра хеле зарур аст, зеро бисёре аз паҳлуҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он то ҳол ба таври ҳамаҷониба равшан нашудаанд. Омӯзиши дастовардҳо, мушкилот ва норасоиҳои он давра барои дарки равандҳои ташаккули давлати миллӣ, таҳлили таҷрибаи таърихӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои боз ҳам таҳқиқталаби мавзӯъ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ аҳаммияти калони илмӣ дорад, зеро бори аввал дар он вазъи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон

дар охири асри XX ва аввали асри XXI дар замони бозсозӣ, оғози даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва омилҳои асосии ба амал омадани бӯҳрони иқтисодиву сиёсӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон таҳлил мегардад. Вазъи душвори соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат ва кишоварзӣ, ки камбизоатӣ ва вобастагиро аз воридот ба бор оварда буд, баррасӣ менамояд. Чунки самаранокии барномаҳои стратегии давлат баҳогузорӣ гардида, дастовардҳо барои беҳсозии сиёсати иқтисодӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ нишон дода шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ** ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зарурӣ барои таҳқиқот, аз ҷумла натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ, таҳлили сарчашмасиносӣ ва муқоисаҳои илмӣ ва амалӣ, ба таври комил таъмин гардидаанд. Натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои илмӣ таҳлил ва арзёбӣ шуда, хулоса ва тавсияҳо ба асоси таҳлили систематикӣ ва далелҳои объективӣ пешниҳод гардидаанд, ки барои таҳкими сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи онро метавон дар гузаронидани таҳқиқоти махсуси ҷамъбастӣ оид ба таърих ва таърихнигории халқи тоҷик истифода намуд. Инчунин, маводи диссертатсияро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва маҷмуаҳои илмӣ барои муассисаҳои таълимии олӣ ба кор бурд. Мавод ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи консепсияи рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити истиқлол, эҷоди асарҳои маҷмуавӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, иқтисодиёти миллӣ, инчунин хондани курсҳои махсус ва таълими таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти олӣ, корҳои илмию таҳқиқотии аспирантону докторантҳо истифода шаванд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 266 номгӯй) таркиб ёфтааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тавсиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои бозсозии Шуравӣ (1985-1991)»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якум – **«Вазъи сиёсии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар даврони бозсозии шуравӣ ва омилҳои таъсиргузор дар паствавии иқтисодиёти кишвар»** Дар **зербоби якум** - **«Вазъи сиёсии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар даврони бозсозии шуравӣ ва омилҳои таъсиргузор дар паствавии иқтисодиёти кишвар»** муаллиф вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҶШС Тоҷикистонро дар давраи бозсозии шуравӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар диссертатсия нишон дода мешавад, ки ислоҳоти оғозгардидаи соли 1985, сарфи назар аз ҳадафҳои эълоншуда, натавонистанд иқтисоди ҷумҳуриро аз буҳрон раҳо созанд. Муаллиф сабабҳои нокомии ислоҳот, аз ҷумла сиёсати нодурусти кадрӣ, хатогиҳо дар сиёсати миллӣ, маҳдудияти ваколатҳои ҷумҳуриявӣ ва таъсири қарорҳои

шитобкоронаи роҳбарияти Иттиҳоди Шуравиро асоснок менамояд. Ҳамчунин таъсири манфии маъракаи мубориза бо майзадагӣ ва коҳиши сармоягузорӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. **Зербоби дуюми боби аввал** – «Тағйирот дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пастшавии некуаҳволии аҳолӣ» ба таҳлили вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар охири солҳои 80-ум бахшида шудааст. Муаллиф собит менамояд, ки вобастагии иқтисоди Тоҷикистон аз пахтакорӣ ва марказ рушди устувори иқтисодиро маҳдуд карда, боиси бекорӣ, норасоии молҳои истеъмолӣ ва паст шудани сатҳи зиндагии мардум гардид. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия ҷанбаҳои мусбати бозсозӣ, аз ҷумла болоравии худшиносии миллӣ ва сафедкунии ҳазорҳо нафар бегуноҳ, низ инъикос ёфтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ (1991-2000)»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум – «Вазъи иқтисодии Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000» сабабҳо ва паёмадҳои буҳрони шадиди иқтисодӣ дар солҳои аввали истиқлол таҳлил шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисоди кишвар зарари бузург расонида, фаъолияти аксари корхонаҳоро фалаҷ намуд. Дар диссертатсия равандҳои хусусигардонӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, сабабҳои нокифоя будани натиҷаҳои онҳо асоснок шудаанд. Ҳамчунин мушкилоти соҳаи аграрӣ ва таъсири манфии ҷанг ба ислоҳоти замин баррасӣ гардидааст.

**Зербоби дуюми боби дуюм - «Ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ»** ба паёмадҳои иҷтимоии ҷанги шаҳрвандӣ бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф афзоиши камбизоатӣ, бекорӣ, муҳоҷират ва коҳиши сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоиро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки зимни он соҳаҳои тандурустӣ ва маориф ба зарари ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд. Дар баробари ин, нақши сулҳи соли 1997 дар фароҳам овардани заминаи барқарорсозии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъкид гардидааст. Дар боби сеюм диссертатсия «**Беҳтар шудани вазъияти иқтисодии кишвар ва болоравии сатҳи зиндагӣ дар солҳои (2000-2016)**» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм «**Татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ**» ном гирифта, оид ба масъалаи татбиқи стратегияҳои давлатӣ ва ин васила таъмини рӯшду инкишофи ҳамаҷонибаи кишвар бахшида шудааст. Дар **зербоби якум - «Татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ»** сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити сулҳ ва суботи сиёсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки татбиқи стратегияҳои давлатӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва сохтмони иншооти энергетикӣ ба рушди устувори иқтисод мусоидат намуданд.

**Зербоби дуюми боби сеюм** - зербоби дуюми боби сеюм **«Сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар кишвар»** ба масъалаҳои коҳиши камбизоатӣ, рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия собит мегардад, ки

амалӣ гардидани барномаҳои давлатӣ ва афзоиши маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ боиси беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ гардид.

Дар хулосаи рисолаи илмӣ пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф чунинанд: ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтаршавии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, сатҳи хизматрасониҳо ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намуд. Дастгирии ҷомеа аз сиёсати давлат таҳкими суботи сиёсӣ ва амниятро таъмин карда, заминаи пойдории низоми демократиро тақвият бахшид.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия баён гардидаанд, аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ асоснок шуда, ба асосҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ мебошанд. Натиҷагириҳо муҳим ва саривақтӣ буда, истифодаи онҳо метавонад дар илми таърих навгониро ба вуҷуд орад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ ва дигар мутахассисон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии онҳо мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия барои таҳияи монографияҳо ва корҳои илмӣ вобаста ба таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи муосир, инчунин ҳангоми омода намудани маводи таълимӣ ва дастурҳои омӯзишӣ аҳаммияти назаррас дорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ҳамагӣ 14 мақолаи илмӣ ба табъ

расидаанд, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилбуда, ки ин далели эътирофи илмӣ ва арзиши баланди натиҷаҳои ҳосилшуда мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат мекунад.

Баробари комёбиҳо ва муваффақиятҳое, ки дар диссертатсияи тақризшаванда ба мушоҳида мерасанд, баъзе камбудиву норасоиҳо низ ҷой доранд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

**1.** Дар баъзе мавридҳо муаллиф метавонист масъалаҳои назариявӣ ва истилоҳоти илмиро муфассалтар шарҳ диҳад, то ки барои доираи васеътари хонандагон фаҳмотар гардад.

**2.** Хуб мешуд, агар дар раванди таҳлил баъзе маводҳои бойгонӣ ва сарчашмаҳои иловагӣ бештар ҷалб карда мешуданд, ки ин метавонист натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам пурратар намояд.

**3.** Дар қисматҳои алоҳидаи диссертатсия такрори баъзе андешаҳо ба назар мерасад. Дар сурати ихтисор ва таҳрири онҳо, сохтор ва мазмуни кор боз ҳам мутаносибтар мешуд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки камбудиҳои нишондошуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд

ва муаллиф метавонад ҳангоми нашри монография ислоҳи онҳоро дар назар гирад.

Хулоса, ба таври умум ҳамаи он вазифаҳое, ки дар диссертатсия зикр шудаанд, аз тарафи диссертант бомуваффақият иҷро гардидааст. Мазмуну моҳияти диссертатсия ва автореферат ба ҳам мувофиқ буда, ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқанд. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Тиллозода Анваршо Абдулҳақ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои таърих, муаллими
калони кафедраи таърихнигорӣ ва
архившиносии факултети таърихи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмудзода С.А.

Имзои С.А. Маҳмудзодаро
тасдиқ мекунам: Шодихонзода Э.Ш.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон

Суроға. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел. 221-78-11
«26» 12 с. 2025